Лоиҳа

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ

Бо мақсади муайян намудани ҳолати иҷрои самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ мутобиқи моддаи 8[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми санҷишҳо фаъолияти худро тибқи Қоидаҳои мазкур ба роҳ монад.
3. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот зимни баргузории санҷиши риояи конунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ талаботи Қоидаҳои мазкурро таъмин намоянд.
4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008, №578 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» ________ соли ___, №__
тасдиқ карда шудааст

Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - Қоидаҳо) тартиби аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ва сохторҳои маҳаллии он гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатиро муқаррар менамояд.

2. Асосҳои ҳуқуқии тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - санҷиш)-ро моддаи $8^1$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ва Қоидаҳои мазкур муайян менамоянд.

3. Санҷиш дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаҳои кории бо тартиби муқарраргардида тасдиққардашудаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сохторҳои маҳаллии он, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, иттилооти воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар шабакаи интернет ва дигар сарчашмаҳо гузаронида мешавад.

4. Санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- қонуният, беғаразӣ ва шаффофият;
- холисӣ ва поквиҷдонии санҷишкунанда;
- роҳ надодани дахолат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаҳои санҷиш вобастагӣ надорад;
- даврияти гузаронидани санҷиш;
- гузаронидани санҷиш дар муҳлати муқарраргардида;
- мустақилияти санҷишгар;
- риояи одоб.

5. Санҷиш масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҳлили сохтор ва асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ;
- риояи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ;
- таҳлили ҳолати таъминоти кадрӣ;

- раванди ташкили озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ;

- риояи тартиби қабул ба хизмати давлатӣ, бастани шартномаҳои (қарордоди) меҳнатӣ;

- риояи талаботҳои тахассусӣ аз тарафи ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ;

- риояи ҳолатҳои истиснокунандаи ба хизмати давлатӣ қабул намудан ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчиёни давлатӣ;

- гузаронидани санҷиши маълумоти аз тарафи шаҳрванд зимни қабул ба хизмати давлатӣ ва дар хизмати давлатӣ будан пешниҳодшуда;

- мавҷудият ва санҷиши маълумотҳо дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии хизматчии давлатӣ;

- риояи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хизмати давлатӣ;

- тартиби додани рутбаҳои тахассусӣ;

- ташкили азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ;

- раванди гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ дар мақомоти давлатӣ;

- гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ;

- ҳолати ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии мақомоти давлатӣ;

- ташкили захираи кадрҳо ва кор бо онҳо;

- татбиқи кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ (кафолатҳо, музди меҳнат, иловапулиҳо, ҳавасмандгардонӣ, рухсатиҳо, таъминоти иҷтимоӣ, таъмини нафақа);

- риояи талаботи синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатӣ;

- асоснокии қатъ гаштани хизмати давлатии хизматчиёни давлатӣ;

- тартиби таҳия ва пешбурди делоҳои шахсӣ ва корбурди дафтарчаҳои меҳнатии хизматчиёни давлатӣ;

- ташкили фаъолияти ҳайати хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ;

- дигар масъалаҳое, ки аз қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ бармеоянд.

6. Асосҳои санҷиш, мӯҳлати гузаронидани он, ҳайати гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) ва номгӯи масъалаҳои санҷидашаванда бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё роҳбари сохтори маҳаллии он муайян карда мешаванд. Санҷиш метавонад як, якчанд ё тамоми масъалаҳои дар банди 5 Қоидаҳои мазкур пешбинишударо дар бар гирад.

7. Роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ё роҳбари сохтори маҳаллии он метавонанд ба санҷиш мутахассисони дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мутахассисони мақоми санҷидашавандаро бо мувофиқаи роҳбарони ин мақомот ҷалб намоянд.

## 2. ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

8. Санҷиши мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи дастгоҳи марказии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ, санҷиши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи дастгоҳи марказии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ё сохторҳои дахлдори маҳаллии он гузаронида мешавад. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ва сохтори маҳаллии он мақоми санҷидашавандаро як ҳафта пеш аз оғози санҷиш ба таври хаттӣ огоҳ менамоянд.

9. Санҷиш бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ ва фармоиши роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ё роҳбари сохтори маҳаллии он дар бораи санҷиши фаъолияти мақоми давлатӣ оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ ба роҳбари мақоми давлатии санҷидашаванда ё муовини ӯ (дар сурати набудани роҳбар) оғоз мегардад.

10. Дар сурати аз тарафи гурӯҳи санҷишӣ гузаронидани санҷиш, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дар банди 9 Қоидаҳои мазкур пешбинишуда, аз тарафи роҳбари гурӯҳ сурат мегирад.

11. Муҳлати гузаронидани санҷиш бо назардошти ҳаҷми кор аз 15 рӯз зиёд буда наметавонад. Дар ҳолатҳои истисноии зиёд будани ҳаҷми кор дар асоси пешниҳоди санҷишкунанда (роҳбари гурӯҳи санҷишӣ) муҳлати гузаронидани санҷиш мумкин аст то 15 рӯзи дигар тамдид карда шавад.

12. Санҷишкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз шахсони мансабдори мақоми давлатӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои санҷишӣ маводҳо ва ҳуҷҷатҳои заруриро талаб намояд, бо нусхаҳои аслии онҳо шинос шавад, онҳоро нусхабардорӣ намояд, бо шахсони мутасаддии татбиқи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ суҳбатҳо доир намояд ё баёнот гирад, ки дар ин бора дар санади санҷиш қайд карда мешавад.

13. Роҳбари мақоми давлатии санҷидашаванда (ё муовини ӯ) вазифадор аст, ки барои гузаронидани санҷиш мусоидат намуда, ба гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) мавод ва ҳуҷҷатҳои зарурии талабкардашударо пешниҳод намояд.

14. Ҳолати пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва маводҳои дахлдор дар санади санҷиш нишон дода мешавад.

15. Аз тарафи санҷишкунанда талаб карда гирифтан ва санҷидани масъалаҳое, ки ба доираи масъалаҳои санҷишии ӯ дахл надоранд, манъ мебошад.

16. Санҷиш дар рӯзи охирони дар фармоиш нишондодашуда ё пеш аз муҳлат бо огоҳ намудани роҳбари мақоми давлатии санҷишшаванда ё муовини ӯ (дар сурати набудани роҳбар) ба итмом мерасад.

## 3. БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ САНҶИШ ВА ТАТБИҚИ НАТИҶАИ ОН

17. Санади санҷиш дар давоми на дертар аз 5 рӯзи корӣ баъди анҷоми санҷиш аз тарафи роҳбари гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) дар ду нусхаи асл тартиб дода шуда, ба онҳо санҷишкунандагон (санҷишкунанда) имзо мегузоранд. Ба санади санҷиш мумкин аст, ки ҳуҷҷатҳои дахлдор замима карда шаванд.

18. Дар санади санҷиш асоси гузаронидан, рӯзҳои гузаронидан, масъалаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда, камбудиҳои ошкоргардида ва таклифҳои мушаххас оид ба бартараф намудани онҳо нишон дода мешавад.

19. Талабот нисбати санади санҷиш аз инҳо иборат аст:

- пур накардани матни санад бо маълумотномаҳои тавзеҳӣ, ҳолатҳои дуюмдараҷа ва номбаркунии такрории камбудиҳои якхела;
- ба санад дохил накардани маълумоте, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ нашудааст;
- нишон додани ҳолатҳои вайронкунии меъёрҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва оқибатҳои вайронкунии онҳо;
- пешниҳод оид ба бартараф намудани камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ошкоркардашуда;
- пешниҳод оид ба бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои бо вайронкунии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ қабулшуда ва андешидани чораҳо нисбати вайронкунандагон.

20. Нусхаи якуми асли санади санҷиш ба роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори маҳаллии он пешниҳод карда мешавад.

21. Роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори маҳаллии он санади санҷишро баррасӣ намуда:

- далелу рақамҳо, ҳолатҳои мушаххаси вайронкунии талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳо ва дигар маводҳои ба санади санҷиш замимашударо меомӯзанд;
- санади санҷиширо барои такмил ба гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) бармегардонад;
- санади санҷиширо барои баррасӣ ё барои маълумот ба роҳбари мақоми давлатӣ ирсол менамояд.

22. Нусхаи дуюми асли санади санҷиш бо мактуби ирсолии роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ё роҳбари сохтори маҳаллии он ба роҳбари мақоми давлатии санҷидашуда фиристода мешавад ва он бояд дар муҳлати то як моҳ баррасӣ карда шавад.

23. Дар сурати норозӣ ё қисман норозӣ будани роҳбари мақоми давлатӣ (муовини ӯ) ба санади санҷиш, эродҳои хаттии онҳо ба роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ё роҳбари сохтори маҳаллии он пешниҳод карда мешаванд.

24. Эродҳои пешниҳодшуда ҳатман мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Дар ҳолати асоснок будани онҳо мумкин аст ба санади санҷиш тағйирот ворид карда шаванд.

25. Дар сурати аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ иҷро нагардидани пешниҳоди роҳбари сохтори маҳаллии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ оид ба бартараф намудани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ санади санҷиш барои андешидани тадбирҳои иловагӣ ба роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешаванд.

26. Дар сурати аз тарафи мақоми давлатӣ иҷро нагардидани пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани вайронкунии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ҳуқуқ дорад:

- оид ба ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ва аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ бартараф накардани камбудиҳои ҷойдошта ба мақоми болоӣ пешниҳод манзур намояд;
- оид ба ҳолатҳои вайрон кардани қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ санади санҷишро барои қабул намудани қарори қонунӣ ба мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;
- барои бартараф намудани камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ошкоргардида дар доираи салоҳияти худ дастурҳои методии дахлдорро таҳия созад:
- иҷрои дигар амалеро, ки аз ваколати ӯ бармеоянд, татбиқ намояд.

27. Аз натиҷаи ҳар як санҷиши гузаронидашуда, камбудиҳои ошкоргардида, чораҳои барои ислоҳи онҳо андешидашуда сохторҳои маҳаллии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ба роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ гузориш пешниҳод менамоянд, ки ба он натиҷаҳои санҷиш замима карда мешаванд.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

28. Санҷишкунанда ва шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ барои вайрон кардани талаботи Қоидаҳои мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

29. Баҳсҳое, ки дар рафти санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ ба вуҷуд меоянд, аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи хизмати давлатӣ, мақоми болоӣ ё суд баррасӣ карда мешаванд.

30. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ аз натиҷаи санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ ҳар сол дар моҳи январ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти солона пешниҳод менамояд.